

Баъд аз ташкилёбии Артиши мамлакат Куввахои харбӣ-хавоии Точикистон таъсис дода шуд, ки 1 уми марти соли 1993 нахустин парвози чархболи чангии МИ-24 дар фазои Точикистон сурат гирифта, тайи солхои 1993-1997 хайати шахсии ин навъи кӯшун махорати баланди касбӣ нишон додаанд.

Кобили кайд аст, ки онхо дар рафти зиёда аз 60 амалиёти чангӣ иштирок намудаанд. Ба гайр аз ин, силоху мухимоти гуногуни харбӣ, хӯрока ва пӯшока барои чанговарони чузъу томхои амалкунанда тавассути чархболхо саривакт расонида мешуд. Хамзамон, дар ин давра тавассути нерӯхои харбӣ-хавоии кишвар беш аз 25 хазор парвозхои авиатсияи харбӣ доир гаштааст, ки аз ин микдор зиёда аз 10 хазораш парвозхои чангӣ мебошад. Ва инчунин зиёда аз 30 хазор тонна борхои гуногуни харбӣ ва беш аз 40 хазор одам ба чойхои таъиншуда расонида шудааст.

Бояд кайд намуд, ки аз соли 2004-ум инчониб дар назди Донишкадаи харбии Вазорати мудофиаи кишвар факултаи хавонавардии харбӣ амал мекунад, ки дар тӯли фаъолияти факулта чандин мутахассисони болаёкат дар сохаи авиатсияи точик тарбия ёфтаанд.

Бо дастгирии бевоситаи давлату хукумат ва рохбарияти Вазорати мудофиа мохи феврали соли чорӣ дар пойгохи хавонавардии “Айнӣ” бинои таълимии якошёна барои хайати устодон ва афсарону курсатони факултаи хавонавардии харбии донишкадаи мазкур бо тамоми шароити нави замонавӣ ба истифода дода шуд.

Аввалин хатмкунандагони факултаи авиатсионии ин донишкада баъд аз 4 соли омӯзиш соли 2008 - ум ба хайати Куввахои харбӣ-хавоӣ ва мудофиаи зиддихавоии Куввахои Мусаллах шомил гардида, ба халку ватан содикона хизмат намуда истодаанд.